## ТАҚРИЗ

**Ба авторeферати Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи “Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D020100- фалсафа пешниҳод шудааст.**

Дар охири асри - XX миллати пурифтихори тоҷик, пас аз ҳазор соли сукути давлати Сомониён аз нав соҳиби давлати мустақили миллӣ шуда, дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дорад. Бунёд ва таҳкими ҷомеаи навин қабл аз ҳама ба худшиносӣ ва худогоҳӣ зарурат дорад, ки он бидуни рӯй овардан ба арзишҳои волои илмӣ ва фарҳангии ин миллати дорои тамаддуни бостонӣ ғайриимкон аст.Мавриди таҳқику баррасӣ қарор додани афкори иҷтимоию сиёсӣ, фалсафӣ ва анъанаҳои воло ва арзишманд дар осори мутафаккирони гузашта аз аҳамият холӣ набуда, насли имрӯзаи ҷомеаро бо сарчашмаҳои асили маънавии миллат ошно хоҳад сохт.

Гузашта аз ин, дар шароите, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳти таъсири равандҳои номатлуби ҷаҳонишавӣ ба буҳронӣ ахлоқию маънавӣ дучор гардида, арзишҳои иҷтимоии волои миллӣ то андозае коста гардидаанд, низомҳо ва ниҳодҳои ахлоқии ҷомеа ба мадад, маслиҳат ва тарбияи ахлоқӣ ниёз доранд,таҳлили осори ахлоқию маънавӣ ва афкори идоракунии мутафаккирони гузашта, ки саршори панду андарз ва падидаҳои ибратомӯзи зиндагӣ ва ахлоқи инсонӣ мебошанд, барои ҷомеа аҳамияти басо муҳим пайдо менамояд.

Сарвари давлат давоми солҳои истиқлолият ба масъалаи инкишофи илму фарҳанг, мактабу маориф ва омӯзишу зиндагардонӣ ва эҳёи ному асарҳои мутафаккирони гузашта аҳамияти хосса дода, оиди аҳамияти омӯзишу азхуднамудани онҳо дар суханрониашон ҳанӯз шонздаҳсол пеш бахшида ба 14-умин солгарди рӯзи истиқлолият чунин қайд намуда буданд: «Огоҳии хуб аз таърихи фарҳанги куҳан на танҳо ифтихори миллиро бо замона созгор месозад, балки ба таҳкими робитаи

тамаддунҳо ва халқҳои гуногун дар шароити мураккаби дунёи муосир мусоидат карда, ба густариши сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ заминаи воқеи мегузорад. Аз китоби муқаддаси «Авасто», Эъломияи Куруши Кабиру катибаҳои Дорои бузург, ёдгориҳои Саразму Ҳулбук, Шаҳристону Тахти Сангин, анъанаҳои давлатдории Сосониёну Сомониён, оҳангҳои рӯҳнавози Борбаду назми оламгири Рӯдакиву Фирдавсӣ, осори илмиву амалии Закариёи Розӣ, Ибни Синову Абурайҳони Берунӣ бисёр халқу миллатҳо дарси илму адаб, меъмориву шаҳрсозӣ, тарбияту маънавият ва инсонпарварию сиёсатмадорӣ омӯхта, ҳатто дар бақои миллатҳо нақши бузурѓ доранд.» Дар ин замина мавриди тадқиқот қарор додани таълимоти фалсафӣ, илмӣ, динӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мутафаккирони ақлгаро Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ аз аҳамият холӣ нест,чунки номбурдагон бо барафрӯхтани чароғи илму маърифат ва эҳёи тамаддуни ниёгони пурифтихори ин миллати куҳансол дар пешрафти маънавиёт ва фарҳанги миллии мо саҳми боризе гузоштаанд.

Аз мазмуни автореферат чунин бар меояд, ки муаллифи рисола нақшаи корро хуб тарҳрезӣ намуда, тибқи он тадқиқоти илмиро анҷом додааст.Рисола аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар боби якуми рисола – “Тавсифи умумии осори фалсафӣ-ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ” диссертант мероси фалсафии – ахлоқии ҳар ду мутафаккирро ба таври мураттаб мавриди омӯзиш ва тадқиқоти илмӣ қарор додааст.

Боби дуюми рисола-“Муқоисаи андешаҳои ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ” ном дошта аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб муқоисаи моҳияти фалсафаи ахлоқӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, ҳамоҳангию тафовутҳои ахлоқӣ аз нигоҳи ин ду мутафаккир мавриди тадқиқот қарор дода шудааст.

Навгониҳои рисолаи илмии Абубакри М.Г. дар он ифода меёбанд, ки бори нахуст таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва

Насириддини Тӯсӣ анҷом дода шуда, муҳимтарин хусусияти онҳо ошкор карда шудааст, дар натиҷаи таҳлили муқоисавии анҷомёфта муайян карда шудааст, ки Насириддини Тӯсӣ системаи ратсионалистии Абӯбакри Розиро дар баррасии масъалаҳои ахлоқӣ тақвият додааст.

Ҳарчанд дар автореферат муҳтавои мухтасари рисола инъикос гардида бошад ҳам метавон аз он мазмуни асосии рисолаи диссертантро дарёбем.Дар рисолаи илмӣ аввал масъалаҳои умумӣ баъдан масъалаҳои мушаххас мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф, ҳангоми тадқиқоти илмии хеш аз адабиёти ватанию хориҷӣ истифода бурда, рисоларо дар сатҳи касбӣ омода намудааст.

Ҳамин тавр, дар зимни комёбиҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои дида мешавад.

1.Дар автореферат камбудиҳои техникӣ,имлоӣ ва мантиқӣ дида мешавад;

2.Таъсири таълимотҳои ахлоқии ин ду мутафаккир ба рушди андешаҳои ахлоқии мутафаккирони минбаъда нишон дода нашудааст.

Лекин ин камбудиҳои зикршуда арзиши илмии рисоларо коста наменамояд. Бешубҳа, муаллиф ба ҳадафи таҳқиқоти худ ноил гардидааст, автореферати диссертатсия бар асоси меъёрҳо ва талаботҳои муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳо,барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа, таҳия шудааст, ва ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

**Муқарриз**
**номзади илмҳои фалсафа,**
**дотсент** Ҳайдарӣ С.С.

**Имзои дотсент, С.С. Ҳайдарӣ-ро**
**тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва**
**корҳои махсуси АИДНПҶТ** **Суфиев Ф.Р.**